**Тақриз**

**ба рисола ва автореферати номзадии Норова Зарина Исломовна дар мавзӯи «Инкишофи ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути эҷодиёти шифоҳии халқ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - пегагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)**

Бояд зикр кард, ки рисола ва автореферати он ба масъалаи таҳқиқи инкишофи ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути эҷодиёти шифоҳӣ ошкор сохтани қонунмандиҳои ҷаҳонбинии муосир дар илми педагогикаи тоҷик, муайн намудани самтҳои инкишофи ҷаҳонфаҳмӣ, мушаххас намудани заминаҳо ва омилҳои рушд ва ҷаҳонфаҳмии кӯдак тавассути фолклор ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Муаллиф дар асоси таҳлил, таҳқиқ ва баррасии маводҳои мавҷудаи илмӣ, педагогӣ, психологӣ ва таҷрибаи пешқадами омӯзгорон рисоларо роҳандозӣ намуда фикру андешаҳои худро такя ба нишондодҳои таҳқиқот, мушоҳидаҳо ва суҳбатҳо мувофиқи мақсад, вазифаҳо ва фарзияву қазияҳо пешниҳод кардашуда арзёби намудааст, ки онҳо ба нақшаи кории рисола мувофиқат мекунанд.

Муҳиммияти мавзӯи тадқиқоти мазкур дар он аст, ки интихоби мавзуи мазкур аз он ҷиҳат ҳам муҳим аст, ки вазифаи таъхирнопазири такмили таълими эҷодиётӣ шифоҳӣ ва тарбияи эстетикии мактаббачагон дар замони муосир, ташаккули ҷаҳонфаҳмӣ ва ҳисси зебоии онҳо, завқи баланди эстетикӣ, қобилияти дарк ва қадр кардани таърихи пурғановати меҳани худ мебошад. Эҷодиёти шифоҳӣ дар ташаккули ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ аҳамияти калон дошта, онро бисёре аз муҳаққиқон эътироф кардаанд, ки воситаи муассир барои рушди кӯдакон мебошад. Эҷодиёти шифоҳӣ яке аз мавзуъҳои барномаи таълимӣ буда, ки аз ҷиҳати имкониятҳои таълимии худ маҷмуи таҷрибаи маънавӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии мардум мебошад.

Ҳамаи гуфтаҳои боло мубрамияти мавзӯи диссертатсионии интихобшударо асоснок карда, арзиши илмӣ ва моҳияти амалии онро тасдиқ менамоянд.

Мо метавонем арзишмандии рисолаи таҳқиқоти мазкурро ба таври зайл арзёбӣ намоем:

Муҳаққиқ мақсади таҳқиқот, объекти таҳқиқот, предмети таҳқиқот ва фарзияи таҳқиқотро дуруст муайян намуда, дар асоси онҳо вазифаҳои таҳқиқотро пешниҳод кардааст.

Навоварии илмии кори таҳқиқоти муҳақиқ дар он ифода меёбад, ки дар илми педагогикаи тоҷик таҳқиқоти васеътару муфассал дар мавриди инкишофи ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути эҷодиёти шифоҳӣ баррасӣ гардида, мазмун ва инкишофи ҷаҳонфаҳмӣ дар раванди таълим асоснок ва муайян гардид. Инчунин таснифоти манобеи эҷодиёти шифоҳӣ дар самти рушди ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ошкор ва асоснок карда шуда, модели муносиби ҳамкории мутақобилаи оила, ҷомеа ва муассисаҳои таълимӣ дар инкишофи ҷаҳонфаҳмии кӯдакон илман асоснок карда шуд.

Рисола аз муқаддима, ду боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар охири ҳар як боби рисола хулосаи мантиқии маводи илмии таҳлилу баррасишуда ҷамъбаст карда шудааст. Хулосаи умумӣ ва тавсияҳои методии пешниҳодшуда ба мақсаду вазифаҳои таҳрезишуда мувофиқат менамоянд.

Мазмуни автореферат ва маводҳои нашршуда ба мазмуни рисолаи таҳқиқотӣ мувофиқат менамояд.

Бояд зикр намуд, ки забон ва услуби баёни маводҳои илмӣ-таҳқиқотӣ бо меъёри забони адабии тоҷикӣ ҷавобгӯ мебошад.

Кори таҳқиқотии мазкур аз мавқеи муҳимият, ҷиҳати масъалагузорӣ ва баррасию баёни андеша ниҳоят бою ғанӣ, фаҳмо, раво ва устокорона иҷро карда шудааст.

Рисолаи илмии Норова Зарина Исломовна дар мавзӯи «Инкишофи ҷаҳонфаҳмии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути эҷодиёти шифоҳии халқ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) ба ҳимоя намудан тавсия карда мешавад.

Роҳбари илмӣ:
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,
мудири кафедраи забон ва адабиёти руси
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи
Носири Хусрав: Ашурова Шаҳло Кулобиевна

15.09. 2023 с.

Суроға: 734051, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Бохтар, кучаи Айнӣ, 67.
Тел. мобилӣ + (992) 901-06-03-30.
E-mail: ashurova-shahlo @mail.ru

Имзои Ашурова Ш. К.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори ШК ва корҳои махсус
ДДБ ба номи Носири Хусрав Исозода Т.И.

15.09. 2023 с.